## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Миралиев Илҳом Раҳмоналиевич дар мавзуи «Маҳсулнокии навъҳои зироати бодиринг дар кишти асосию такрорӣ дар минтақаи Данғараи вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01–Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ**

Яке аз соҳаи қадима ва муҳими кишоварзӣ ин сабзавотпарварӣ ба шумор рафта, дар таъмини амнияти ғизоӣ аҳолӣ мавкеи намоёнро ишғол менамояд. Сабзавотҳо дар давраи нашъунамо ба шароитҳои мӯътадили муҳити зист (ҳарорат, равшанӣ, намӣ, ҳаво ва моддаҳои ғизоӣ) эҳтиёҷи муҳим доранд. Шароити хоку иқлим ва обҳои мусафои Тоҷикистон барои парвариши зироатҳои сабзавотӣ, аз он ҷумла бодиринг мувофиқ мебошад. Бояд қайд кард, ки дар меваи бодиринг об ва моддаҳои муҳими ғизоӣ хеле зиёд буда, барои саломатии инсон аҳамияти авалиндараҷа доранд.

Автореферати унвонҷӯ Миралиев И.Р., мазмуну мухтавои кори илмиашро бо ҷабҳаҳои асосии парвариши бодиринг ва устувории онро ба омилҳои табиии минтақаи таҷрибавӣ иҷрошударо дар бар мегирад. Муаллиф дар таҷрибаҳои илмиаш, дар шакли ҷадвалҳо бо маълумотҳои мушаххас пешниҳод кардааст. Дар таҷрибаи саҳроӣ 3-навъи бодиринг "Марғелонӣ-822"; "Беназир"; "Парад-176"; ва 1 дурагаи "Суперина-F1", таҳқиқ карда шудаанд. Муаллиф дар таҳқиқотҳояш усулҳои обмонии қатрагинро истифода намудааст, ки барои шароити ноҳияи Данғара мувофиқ буда, сарфаи истифодаи обро таъмин менамояд.

Дар баробари гуфтаҳои боло унвонҷӯй мушоҳидаҳои биометрии растаниҳои намунаҳои бодирингро дар кишти асосию такрорӣ омӯхта маълумотҳои таҳлилии аникро пешниҳод намудааст. Дар кишти баҳорӣ, ки навдаи асосӣ дар навъи Марғилонӣ- 822, 6-см-ро, дар Дурагаи Суперина F1-5,3 см бошад дар навъҳои Беназир ва Парад-176 ҳамагӣ ба 3,0-3,9 см баробар шудааст,ки дар ин давра навдаҳои паҳлуии навъҳои омӯхташуда вуҷуд надоштаанд.

Дар кишти тобистона бошад, намунаҳои омӯхташуда назар ба кишти баҳорӣ, зери таъсири ҳарорати баланди ҳаво дар моҳи июл-аввали август нашъунамои пуравҷ доштаанд. Дарозии навдаи асосӣ дар даҳаи якуми август ба 7,0-11,2 см расида, баъди 10 рӯзи дигар ин нишондиҳанда дар навдаи асосӣ то ба 25,3-31,8 см ва навдаҳои паҳлуӣ аз 8,8 то ба 19,3 см расидааст.

Дар умум автореферати муаллиф Миралиев И.Р., дар мавзуи “Маҳсулнокии навъҳои зироати бодиринг дар кишти асосию такрорӣ дар минтақаи Данғараи вилояти Хатлон” дар асоси таҷрибаҳои илмии иҷрошуда таҳия гардидааст.

Кори ба анҷом расонидаи унвонҷӯ дар мавзуи «Маҳсулнокии навъҳои зироати бодиринг дар кишти асосию такрорӣ дар минтақаи Данғараи вилояти Хатлон», ба талаботи КАО назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Миралиев Илҳом Раҳмоналиевич, барои ба даст овардани дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01–Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ сазовор мебошад.

Мудири шӯъбаи зироатҳои равғандиҳандаи
Институти зироаткории АИКТ, доктори
илмҳои кишоварзӣ, аз рӯйи ихтисоси
06.01.01-Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ Нарзулоев Т.С.

Имзои Т.С. Нарзулоевро тасдиқ мекунам,
сардори нозири кадрҳои Институти
зироаткории АИКТ Сайнизоми Бобохуҷа

Суроға: 735022, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ҳисор,
шаҳраки Шарора, кӯчаи Дӯстӣ,
Тел.: 903 33 96 80, почтаи электронӣ:Tosh.59@mail.ru

14.05.2024с.